**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.**

Возеҳу равшан аст, ки ташаккул ва таҳаввулоти истилоҳоти илмии тоҷикӣ, ки аз қаъри асрҳо сарчашма мегирад, дар осори қадимтарини илмии форсии тоҷикӣ беҳтару дақиқтар ба мушоҳида мерасад. Зеро забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз пояҳои асосии давлатдории миллӣ нақши ҳалкунанда дорад. Барои ба даст овардану таҳким бахшидани истиқлоли забонӣ пеш аз ҳама пояҳои забони миллиро мустаҳкам намудан зарур аст. Забони тоҷикӣ фақат ҳамон вақт забони илм мегардад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда шавад. Ва ин маҷмуи истилоҳот асоси забони илмиро ташкил медиҳад.

Забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, ки яке аз забонҳои маъруфи дунё маҳсуб дониста мешаванд, аз нигоҳи фарогирии истилоҳоти соҳавӣ дар қатори машҳуртарин забонҳои олам қарор дошта, қудрату тавоноие доранд, ки ҳама гуна мафҳум ва маъниро дақиқу равшан шарҳу баён менамоянд.

Ба таври хосса бояд таъкид намуд, ки дар замони истиқлол масоили мухталифи истилоҳот аз ҷониби олимону донишмандони соҳа мавриди таҳқиқ қарор дода шуда бошад ҳам, таҳлили муқоисавии истилоҳоти баъзе аз соҳаҳо, аз ҷумла истилоҳоти забоншиносӣ дар заминаи забонҳои тоҷикиву олмонӣ мавриди пажуҳиш қарор дода нашудааст. Бо дарназардошти муҳиммияти ин масъала мавриди омӯзиш қарор додани «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» аз ҷониби Нурова Зведамо Сафаровна саривақтӣ буда, бо таҳқиқи ин мавзуи муҳим дар пажуҳиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ як саҳифаи наве боз мешавад.

Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи мавзуъ ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мутобиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки аввалин маротиба истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ мавриди пажуҳиши амиқ қарор гирифта, дар баробари ин, баъзе хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо дар забонҳои мавриди таҳқиқ дақиқу равшан нишон дода шудаанд.

Инчунин саҳми довталаб дар истифодаи маҷмуи роҳу усулҳо вобаста ба мақсад, вазифаҳои таҳқиқ ва баргузории таҳқиқоти омӯзишӣ, таҳлилу баррасии натиҷаҳо ва коркарди мақолаҳои илмӣ инъикос гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи диссертатсия таҳлилу баррасии истилоҳоти забоншиносиро бори аввал ба миён гузошта, роҳу усулҳои ташаккул ва таҳаввулоти истилоҳоти забоншиносӣ, усули истилоҳсозиву истилоҳофаринӣ ва меъёрҳои интихоби истилоҳоти соҳаи мазкурро дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор додааст.

Дар рисола ҳамчунин назарияҳои мухталифи забоншиносӣ доир ба истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забонҳои фавқуззикр дақиқу равшан карда шуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ва маводи ҷамъоваришудаи он метавонад дар оянда барои омӯзиши масъалаҳои бунёдии забоншиносӣ, аз ҷумла дар омӯзиши масоили забоншиносии муқоисавӣ-типологии истилоҳоти забоншиносии забонҳои гуногунсохтор мусоидат намояд. Аҳаммияти назариявии рисолаи мазкур боз дар он аст, ки натиҷаҳои он барои ҳаллу фасли истилоҳоти илмӣ ҳангоми муқоиса ва корбурди тарҷумаи онҳо дар забонҳои таҳқиқшаванда ҳамчун заминаи илмиву назариявӣ хизмат хоҳад кард.

Илова бар ин, маводи диссертатсиро ҳангоми таълими ихтисосҳои равияи забоншиносии умумӣ дар факултетҳои филологии макотиби олӣ ҳамчун васоити таълимӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Диссертатсия руихати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулосаву тавсияҳо, руихати адабиёти истифодашуда, интишороти муаллиф ва замимаро дар худ фаро гирифтааст.

Дар **муқаддимаи** рисола мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуи илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии он, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқ илман асоснок карда шуда, дар бораи дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, сохтори диссертатсия маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Дар боби якуми рисола, ки «**Таҳлили муқоисавии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» номгузорӣ шудааст, аз чор зербоб иборат буда, масоили мухталифи овошиносӣ, аз ҷумла, мавқеи истилоҳоти забоншиносӣ дар таркиби луғавии забонҳои таҳқиқшаванда, таснифоти тематикӣ, яъне мавзуии истилоҳоти овошиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти овошиносии якҷузъа дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти бисёрҷузъа дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ба таври дақиқу равшан мавриди пажуҳишу омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар **хулосаи боби якуми** диссертатсия муаллиф бо далелҳои муътамад таъкид менамояд, ки воқеан, роҳу усулҳои вожасозӣ дар ташаккули забонҳои мавриди таҳқиқ якранг набуда, дар ҳар ду забон ҳам истилоҳоти овошиносӣ ҳамчун як ҷузъи истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ мавқеи хоссаеро касб намудаанд. Ҳамчунин, муайян карда шудааст, ки аксари истилоҳоти овошиносиро дар забонҳои таҳқиқшаванда вомвожаҳо ташкил медиҳанд.

Дар натиҷа муаллифи диссертатсия бо эътимоди комил ишора менамояд, ки агар шумораи зиёди истилоҳоти овошиносии тоҷикӣ аз забони арабиву русӣ ворид шуда бошанд, пас дар забони олмонӣ бештари истилоҳоти овошиносӣ аз забонҳои лотиниву юнонӣ ва фаронсавӣ ворид гардидаанд.

Боби дуюми рисола «**Таҳлили сохториву маъноии истилоҳоти мансуб ба сарф дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» ном дошта, истилоҳоти якҷузъа, истилоҳоти бисёрҷузъа, хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳот, нақши вожаҳои

умумиистеъмолӣ дар ташаккули истилоҳот, сермаъноӣ, падидаи омонимия дар низоми истилоҳоти мансуб ба сарф, падидаи муродифот, мутазод ва нақши истилоҳоти сарфии иқтибосӣ дар рушди таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар **хулосаи боби дуюм** муаллифи рисола шумораи истилоҳоти баррасишаванда, пешванду пасвандҳои истилоҳсоз, қолибҳои калимасозии истилоҳоти сарфиву наҳвиро ба таври оморӣ дақиқу равшан намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Таҳлили луғавӣ-маъноии истилоҳоти мансуб ба наҳв дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ**» ном дошта, аз шаш фасл иборат аст.

Диссертант дар зербобҳои боби сеюм масъалаҳои мухталифи нақш ва ҷойгоҳи истилоҳоти наҳвӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти якҷузъаи наҳвӣ, таҳлили сохтории истилоҳоти бисёрҷузъа, хусусиятҳои луғавию маъноии истилоҳоти наҳвӣ, падидаи сермаъноӣ, ҳамгуншавӣ, муродифот, мутазод дар низоми истилоҳоти мансуб ба наҳв, нақши истилоҳоти иқтибосии забони русӣ, лотинӣ, фаронсавӣ ва юнонии мансуб ба наҳвро дар забонҳои тоҷикиву олмонӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муаллифи диссертатсия, ҳамчунин истилоҳоти якҷузъа, бисёрҷузъаи забонҳои мавриди таҳқиқро таҳлилу баррасӣ намуда, умумият ва фарқияти онҳоро дақиқу равшан намудааст.

Муаллифи рисола ҳар як бобро бо мисолҳои мушаххас асоснок намуда, хулосаи зарурӣ баровардааст.

Диссертатсия тибқи қонуну қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат босаводона ва бо услуби баланди илмӣ таҳияву омода карда шудааст.

Дар **хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои аз таҳқиқ ҳосилшуда дар 12 банд ҷамъбаст шуда, дастовардҳо, арзиши таҳқиқ ва моҳияти мавзуи таҳқиқотӣ зикр ёфтааст.

Аз мутолиаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки диссертант Нурова Зведамо Сафаровна мавзуъро хуб таҳлилу баррасӣ намуда, масоили мавриди таҳқиқро дар сатҳи зарурӣ ҳаллу фасл намудааст. Маводи ҷамъовардаи диссертант, муқокимаронихо ва фикру андешаҳои ӯ қобили қабул ва илман асоснокшуда мебошанд. Фишурдаи диссертатсия ва ҳам худи рисола ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Дар баробари ин дар диссертатсия ва фишурдаи он камбудиву ғалатҳо ба назар расид, ки чанде аз онҳоро баҳри беҳбудии кор пешниҳод менамоем:

1. Дар корбурди истилоҳоти илмӣ дар диссертатсия якрангӣ дида намешавад, яъне истилоҳот ҳам дар шакли байналмиллалӣ ва ҳам дар шаклӣ тоҷикӣ оварда шудаанд. Дар баъзе ҷумлаҳо калимаҳои арабӣ бемаврид истифода шудаанд, масалан ифодаи «паҳлуҳои номакшуфи истилоҳсозиву истилоҳгузинии бахши мазкур ...» (с. 4).
2. Баъзе сарчашмаҳои овардашуда дар муқоиса бо рӯихати адабиёт ва дохили рисола мувофиқат намекунад. Масалан, дар с.12, 13 фикру андешаҳои олимон Гринаф ва Киттрич дар бораи истилоҳ оварда шудааст, ки сарчашмаи он таълифоти Хаютин: «Термин, терминология, номенклатура», 1972 мебошад, аммо ба М.Ҳ. Султон ишора шудааст (Султонов М.Ҳ.).

3. Дар овардани мисолҳо на ҳамеша овонависии байналмилалӣ, ки дар пояи алифбои лотинӣ шакл гирифтааст, риоя гардидааст. Агари гунаи лотинии он дар қавсайн оварда мешуд, арзиши илмии рисола боз ҳам афзун мегардид.
4. Дар саҳифаҳои 21, 22, 38, 53, 100, 101, 103, ... баъзе мафҳумҳо аз нигоҳи тарзи ифода такрор шудаанд.
5. Дар рисола ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ (саҳ. 24, 25, 32, 39, 50, 88…) дида мешавад.

Таъкид бояд намуд, ки эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад ва диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб дониста мешавад.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва арзиши илмиву амалии диссертатсияро ба назар гирифта, ба чунин хулоса омадем, ки диссертатсияи номзадии Нурова Зведамо Сафаровна мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20.– Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикӣ
ва усули таълими забону адабиёти
тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тӯраҳасанов Қодиркул Шодиқулович

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17
тел.: (+992) 918154310

Имзои Тӯраҳасанов Қодиркул Шодиқуловичро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

«06» 02 соли 2024